**ПРОТОКОЛИ № 6–и**

**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-088-и назди Донишгоҳи давлатии Данғара барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

10 январи соли 2026 н. Данғара

**Иштирок доштанд:**
11нафар аъзои шурои диссертатсионӣ,
аз рӯйи ихтисос 3 нафар доктори илм

10-уми январи соли 2026, соати 11:00 дар толори Шурои олимони Донишгоҳи Донишгоҳи давлатии Данғара (734320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Данғара, кӯчаи марказӣ 25) ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-088 баргузор гардид.

Вақти анҷоми ҷаласа:13:27.

**Раис:** доктори илмҳои филологӣ, профессор Саидҷаъфаров О.Ш.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои филологӣ, Шаробова М. Қ.

**Раиси Шуро:** Муҳтарам аъзои Шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати Шуро бо шумораи 11 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми январи соли 2025, № 34/шд тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои Шуро дар ҷаласа 11 нафар аъзо иштирок доранд, ки аз онҳо 3 нафарашон докторони илм аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, Шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори Шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори Шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи Шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад. Тарафдор – 11 нафар. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна (Раҷабализода Шаҳло Раҷабалӣ) дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

**Роҳбари илмии** довталаби дараҷаи илмӣ доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода **Салими Хатлонӣ** мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

Солеҳов Шамсиддин – доктор, профессор мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ;

Аҳмадов Сафармад – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

**Муассисаи пешбар:** Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**БАРОМАД КАРДАНД:**

Ахбори раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Саидҷаъфаров Озод Шовалиевич шунида шуд.

Котиби илмии Шуро, номзади илмҳои филологӣ Шаробова Маҳбуба Қурбонмуродовна дар бораи довталаби дараҷаи илмӣ ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда маълумот дод.

Диссертант Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна (Раҷабализода Шаҳло Раҷабалӣ) оид ба муҳтавои кори диссертатсионӣ ба ҳозирин маълумот дод.

Ба саволҳои аьзои Шурои диссертатсионӣ, номзадони илм, дотсентон Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич, Раҳмоналиев Ҷовидон, докторони илм, профессорон Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло, Кабиров Шаҳбозбек, Асозода ҳотам Раҷаб ҷавоб дод. Баромади роҳбари илмӣ доктори илмҳои филологӣ, профессор Салими Хатлонӣ шунида шуд.

Баромади муқарризони расмӣ:

Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:

1. Асозода Ҳотам Раҷаб – доктори илми филология, профессор.
2. Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло – доктори илми филология, профессор.
3. Кабиров Шаҳбозбек – доктори илми филология, профессор.

Ба эродҳои муқарризони расмӣ диссертант ҷавоб дод. Сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Бо тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъйин гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессор Асозода Ҳотам Раҷаб, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич ва номзади илмҳои филологӣ Абдуев Эмом Субҳонович интихоб гардиданд.

Аз 11 нафар аъзои Шуро 11 нафар ҳузур доштанд: аз инҳо 3 нафар доктори илм ва 3 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 11, муқобил – нест, бетараф – нест.

Аъзои Шуро бо тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисоброро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб бо тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори Шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна (Раҷабализода Шаҳло Раҷабалӣ) додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ қабул гардид.

## ҚАРОРИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-088-и назди
Донишгоҳи давлатии Данғара

аз 10.01. 2026 н. Данғара

Баромади Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна (Раҷабализода Шаҳло Раҷабалӣ) дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ, тақризи муассисаи пешбар – **Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**, баромади муқарризони расмӣ – **Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович** – доктор, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ; **Аҳмадов Сафармад Гадомадович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, ҳамчунин, суханронии муқарризони ғайрирасмӣ докторони илм, профессорон Асозода Ҳотам Раҷаб, Ғафорзода Шоҳрух Ҳабибулло ва Кабиров Шаҳбозбекро шунида, Шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ роҷеъ ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна (Раҷабализода Шаҳло Раҷабалӣ)

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна (Раҷабализода Шаҳло Раҷабалӣ) дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Маводди илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна (Раҷабализода Шаҳло Раҷабалӣ) барои ҳимояи бомуваффақияти таҳқиқоти диссертатсиониаш зери унвони «Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб» дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои филологӣ ба Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна (Раҷабализода Шаҳло Раҷабалӣ) аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори Шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор 11 нафар. Муқобил нест, Бетараф нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Саидҷаъфаров О. Ш.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ — Шаробова М. Қ.

«10» январи соли 2026